# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ.**

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ равшан гардид, ки рисола ба ҳалли яке аз мубрамтарин масъалаҳои забоншиносии тоҷик бахшида шудааст.

Ба назар мерасад, ки хусусиятҳои грамматикиву маъноии ибораҳо дар заминаи маводи забони адабиёти классикӣ камтар мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ А. Ғаффоров солҳост, ки ба омӯзиши масъалаи фавқ машғул буда, чанд сол муқаддам дар заминаи маводи насри яке аз намояндагони адабиёти тоҷики асри XVI Зайниддин Маҳмуди Восифӣ рисолаи номзадӣ дифоъ намуда буд. Инак, мавсуф рисолаи доктории худро низ ба таҳқиқи ибораҳои забони адабиёти классикӣ ихтисос дода, дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) кори диссертатсиониро барои дифоъ пешниҳод намудааст.

Сохтори рисола, чунонки аз мутолиаи он бармеояд аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои асосии кори диссертатсионӣ мушаххас шудаанд. Ҳамзамон сарчашмаҳо, методологияи таҳқиқ, арзишҳои назариву амалӣ, навовариҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда номбар шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ бахшида шуда, аз чор фасл иборат аст. Дар ин боб масоили назариявии ибораҳо дар забоншиносии умумӣ ва забони тоҷикӣ баррасӣ гардидаанд.

Унвонҷӯ таҳқиқу омӯзиши ибораро ҳамчун воҳиди номинативии забон аз пажӯҳишҳои олимони Ғарб оғоз намуда (фасли якум), баъдан доир ба саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши ибора баҳс ба миён овардааст (фасли дуюм). Фаслҳои сеюму чорум ба муаррифии пажӯҳишҳои муҳаққиқони тоҷик (фасли сеюм) ва баррасии ибораҳои феълӣ дар осори асрҳои миёна (фасли чорум) бахшида шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия ибораҳои феълие, ки бо пешояндҳои аслӣ ташаккул ёфтаанд, пажӯҳиш шудааст. Баъд аз таҳлилу баррасии маводи осори хаттии асрҳои XV-XVI муаллиф ба бардоште мерасад, ки дар сарчашмаҳои давраи мавриди омӯзиш ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслии **ба**, **дар / андар**, **аз, бар, барои /аз барои**, **бо** ва ғ. ба таври фаровон ташаккул ёфтаанд. Ҳамзамон ташаккули ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои ҷуфт, амсоли **аз...то, аз...то ба, аз...ба** ва пешояндҳои таркибии **то ба, ба ҷуз, ҷуз ба, ҷуз бар** ба мушоҳида расидааст.

Боби сеюми рисола "Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ ва пасоянд" унвон гирифта, он аз се фасл ва чандин зерфасл фароҳам омадааст. Дар фаслҳои ин боб масъалаи ташаккули ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номии изофию таркибӣ (фасли якум), бо пасоянд (фасли дувум) ва бо пешоянду пасоянд (фасли сеюм) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз баррасии масъала маълум гардид, ки дар насри садаҳои XV-XV1, асосан, пасоянди **-ро** серистеъмол буда, "бештар дар таркиби ибора мафъули бевоситаро ба феъл алоқаманд намудааст" (с. 37). Назар ба андешаи диссертант, вазифаи асосии пасоянди **–ро** чи дар осори сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI ва чи забони адабии ҳозира ифодаи мафъули бевосита аст, ки ин нуктаи назари муҳаққиқ қобили дастгирист.

Дар фасли дигари боби сеюми диссертатсия ибораҳои феълии алоқаи пешояндиву пасояндӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Хулосаи муҳаққиқ он аст, ки алоқаи пешоянду пасояндӣ яке аз навъҳои камистеъмолтарини воситаи алоқа ба шумор рафта, ҳам дар осори ин давра ва ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ доираи маҳдуди истифода доранд.

Боби чоруми диссертатсия "Баррасии хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ" унвон дошта, дар ин боб таснифоти маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ таҳқиқ шудааст. Дар ду фасли боби мазкур таваҷҷуҳ ба таҳлили феълҳо, ки дар таркиби ибораҳои феълӣ ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, равона шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия мавриди тақриз муҳимтарин бардоштҳои муаллиф дар понздаҳ банд натиҷагирӣ шудаанд.

Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ мазмуни рисола ва автореферартро ифода менамоянд.

Автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва хулосаи мухтасари диссертатсия (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) ба талаботи мавҷуда роиҷи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мазмун ва мухтавои асосии таҳқиқро пурра инъикос кардааст.

Дар баробари мухассаноти зиёд дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар феҳристи адабиёт номгӯйи адабиёти назариявӣ, ки марбут ба таърихи афкори забоншиносӣ аст, кам оварда шудааст.

2. Мухтавои фасли дуюми боби якум фаротар аз номи фасл аст.

3. Ҳангоми таҳлили таҳқиқоти олимони дигар хронологияи онҳо ба эътибор гирифта нашудааст.

4. Дар кори мавриди назар ғалатҳову иштибоҳоти техникӣ роҳ ёфтааст (саҳ. 22, 35, 44), ки дар оянда ислоҳ намудани онҳо ба ҳусну қубҳи кор нерӯи дигаре зам хоҳад намуд.

Вале камбудиҳои зикршуда арзиши таҳқиқотро кам намекунанд ва метавон гуфт, ки диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич

дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мебошад.


Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ — Ҷумахон Алимӣ

Имзои профессор Ҷумахон Алимиро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус — Амиров Файзуллохуҷа

Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯч. Сангак Сафаров, 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
Почтаи электронӣ:
Телефон: 918 112662; 918-81-95-69


24.04.2021